**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзуи “Инъикоси консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Омӯзиш ва ба риштаи таҳқиқ кашидани консепти “бойигарӣ”-“қашшоқӣ” яке аз серистеъмолтарин воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносии когнитивӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, таҳқиқи масъалаи мазкур дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ икдоми аввалин дар забоншиносии муқоисавӣ буда, мубрам ва қобили таваҷҷуҳ ба шумор меравад.

Диссертатсия, чунонки аз мутоилаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, сенздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Диссертант Холматова Хуршеда дар се боби кораш аз усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, тасвир, таҳлили оморӣ, мушоҳида, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода бурда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи консепти “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” намудҳои онро дар забонҳои англисиву тоҷикӣ муайян намудааст.

Боби аввали рисола таҳти унвони “Асосҳои назариявии таҳқиқи консептҳо”- аз панҷ фасл иборат буда, ба омӯзиши масъалаҳои назариявии пажуҳиш бахшида шудааст.

Диссертатсия доираи васеи масъалаҳоро дар бар мегирад, ки дар онҳо омилҳои муаммоҳо, муносибатҳо ва ҷанбаҳои омӯзиши забоншиносии когнитивӣ маҳз пайдоиш ва инкишофи босуръати он дар марҳилаи ҳозира хусусияти хоси забоншиносии ибтидои асри нав таҳқиқ карда мешаванд.

Инчунин ба тадкиқот диққати махсус ба консептҳое, ки дар шуури одамон ба вуҷуд меоянд, на танҳо ба маънои вожаҳои аз луғатҳо гирифташуда, балки дар асоси таҷрибаи фардӣ, миллӣ, фарҳангӣ-таърихӣ низ ба вуҷуд меоянд, дода мешавад.

Муаллиф аз таҳқиқи ин фасл ба бардоште меояд, ки лексемаҳои ифодакунандаи майдони консептуалии додашуда, шакли дохилии онҳо, алоқаҳои хулосавию парадигматикии онҳо, инчунин дар шакли фразеологизмҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳо ва сохторҳои когнитивии дар ҷараёни амали худ муайяншуда таъмин мекунанд.

Боби дуюми рисола “Консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар системаи луғавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ном гирифта, аз се фасл

иборат буда, таҳлили муфассали консепт дода шудааст. Шакли дохилии консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” таҳлили лексикию маъноии консептҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ карда шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки таҳлили этимологӣ таърихи калимаи мушаххасро пайгирӣ мекунад, балки ба барқарор кардани тасвири мувофиқи забонии ҷаҳон мусоидат мекунад, ки дар раванди коркарди маърифатии маълумот дар бораи ҷаҳон ташаккул меёбад ва ба муайян кардани хусусиятҳои донистани воқеият аз ҷониби соҳиби забон мусоидат мекунад. Олимон фаъолона тасвири олам ва воҳидҳои онро ташаккулдиҳанда – консептҳо, инчунин воситаҳои забонии онҳоро репрезентатсиякунанда – фразеологизмҳо, паремияҳо, этнонимҳо, стереотипҳо, рамзҳо ва истиораҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

Боби сеюми рисола “Фразеологизатсияи консептҳои “бойигарӣ” ва “қашшоқӣ” дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” номгузорӣ шуда аз панҷ фасл иборат аст. Диссертант таҳлили мувофиқати номҳои консептҳои таҳқиқшаванда аз ҷиҳати лингвофарҳангӣ таркиби луғавии ҳар як забон тамоми тараққиёти таърихии аҳли ҷамъияти бо он забон гуфтугукунандаро равшан месозад. Ӯ қайд менамояд, ки дар таркиби луғавии забон фразеология низ мавқеи муайян дорад, ки ҳолат ва инкишофи таърихии забонро аз бисёр ҷиҳат равшан мекунад.

Дар рафти таҳқиқ муаллиф баъзе андешаҳоро, ки бо консепти **«бойигарӣ»** ва **«қашшоқӣ»** дар забони тоҷикӣ алоқамананд, дар асоси ибораҳои рехта таҳлил намудааст. Барои таҳқиқи хусусиятҳои динамикии консептҳо диссертант аз “Луғати фразеологии забони муосири тоҷикӣ”-и М. Фозиловро истифода бурдааст.

Дар хулосаи диссертатсия муҳаққиқ бардошти худро хеле муфассалу дақиқ ва равшану возеҳ ифода намудааст.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳаллу фасл кардааст, барои таълиф кардани чунин таҳқиқот осори зиёд ва ба мавзӯъ алоқамандро мутолиа намудааст.

Дар автореферати диссертатсияи мазкур баробари комёбиҳои зиёд баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд;
2. Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба арзиши илмию амалии таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсия ва 13 мақолаи диссертант, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Холматова Хуршеда Айюбҷоновна дар мавзӯи "Инъикоси консепти "бойигарӣ"-"қашшоқӣ" дар системаи фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**

н.и.ф., дотсент, муовини директор
оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии
Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият
Махсумоваи ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ

**Раззоқбердиев Шарафҷон Саидмуродович**

Суроға: 734024, ҶТ.ш.Душанбе,кучаи С.Айнӣ 73
Сана: 28.11.2023
E-mail: sharafjon22@mail.ru
Тел.: +992934547707

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Раззоқбердиев Шарафҷон Саидмуродович - ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи
Садриддин Айнӣ

ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ
И СПЕЦИАЛЬНЫХ
РАБОТ

**Наҷмиддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович**